

**26.03.2018 12:19, шахри Душанбе**

26 март тахти раёсати Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Раиси Хукумати кишвар мухтарам Эмомалӣ Рахмон мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон баргузор шуд.

Дар кори мачлис нахуст аз руи масъала “Дар бораи сари вакт омода намудани сохахои иктисодиёт ва ичтимоиёти чумхурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоху зимистони солхои 2018-2019”, гузориши Вазири рушди иктисод ва савдо Неъматулло Хикматуллозода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки максади тахияи карори Хукумати Чумхурии Точикистон муайян кардани супоришу тадбирхо вобаста ба халли масъалахои омодагии сохахои иктисодиёт ва ичтимоиёти чумхурӣ ба мавсими тирамоху зимистони солхои 2018-2019 мебошад.

Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Раиси Шахри Душанбе, Вазорати энергетика ва захирахои об, Ширкати Барки точик ва дигар сохторхои марбутаи кишвар барои татбики сариватӣ ва гузаронидани чорабинихо “Дар бораи сари вакт омода намудани сохахои иктисодиёт ва ичтимоиёти чумхурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоху зимистони солхои 2017-2018” изхори сипосу миннатдорӣ карданд.

Мавриди зикр аст, ки соли 2017 баъди ба истифода додани маркази барку гармидихии шахри Душанбе ва пайваст кардани шабакахои гармӣ ба манзилхои истикоматӣ аз руи сарфаи неруи барк дар мамлакат махдудияти интиколи неруи барк ба ахолӣ пурра бардошта шуд.

Президенти мамлакат ба Хукумати Чумхурии Точикистон, бахри омодагӣ ба давраи зимистони солхои 2018-2019 чихати захираи ангишт, истифода ва татбики иктидорхои

нав аз хисоби Неругоххои нави барки обӣ ва марказхои барку гармидихӣ, омода кардани хамаи сохахои ичтимоии кишвар, аз чумла бахшхои маорифу тандурустӣ, мехнат ва шугли ахолӣ, чоннок кардани фаъолияти сохторхои Раёсати оташхомушкунии чумхурӣ, инчунин бунёди иншооти зиддитармавӣ дар минтакахои кухӣ, супоришхои мушаххас доданд.

Дар бораи Номгӯй ва микдори техника, наклиёти махсуси коммуналию мусофиркашонӣ, наклиёти ёрии таъчилӣ ва автомобилхои сабукрави назоратӣ, ки аз хисоби бучети шахри Душанбе харидорӣ шуда, хангоми воридот аз андоз аз арзиши иловашуда ва бочи гумрукӣ озод карда мешаванд, гузориши раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ шунида шуд.

Дар бораи Коидахои муайян кардани обектхои сохтмонашон нотамом ва ба муомилоти гражданӣ баровардани онхо бошад, гузориши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Хукумати Чумхурии Точикистон Чамшед Ахмадзода шунида шуд.

Лоихаи карори мазкур асос ва тартиби ба муомилоти гражданӣ баровардани обектхои истикоматӣ ва гайриистикоматии нотамомро новобаста аз сарчашмаи маблаггузорӣ, шакли моликият ва таъиноташ ба танзим медарорад.

Аъзои Хукумати кишвар 8 лоихаи Конуни Чумхурии Точикистон, аз чумла Оид ба лоихаи Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи дурнамохои давлатӣ, консепсияхо, стратегияхо ва барномахои рушди ичтимоию иктисодии Чумхурии Точикистон” ва Дар бораи лоихаи Конуни Чумхурии Точикистон “Оид ба ворид намудани тагйироту илова ба Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро мухокима карда, барои баррасӣ ба Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон пешниход намуданд.

Дар хусуси лоихаи Ёддошти тафохум байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Аморoти Муттахидаи Араб дар сохаи кувваи корӣ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба рохбарияти Вазорати мехнат, мухочират ва шугли ахолӣ дастур доданд, ки бо дарназардошти мавчуд будани кувва кофии мехнат ва бо риояи хамагуна конунгузорихо, сабукихои рафтуомади шахрвандон байни кишвархо дар асоси созишномахои дучониба, тадбирхои мушаххас андешанд.

Дар кори мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон хамчунин оид ба лоихаи карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон Дар бораи лоихаи Стратегияи рушди саноат дар Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030, Дар бораи Барномаи мачмӯавии рушди сохаи чорводорӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2018-2022, Дар бораи Тартиби тахияи лоихахои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузорихои давлатии Чумхурии Точикистон баъди баррасӣ карорхои дахлдор кабул карда шуд.

Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии илмии “Маркази омӯзиши пиряххои Академияи илмхои Чумхурии Точикистон” бошад, гуфта шуд, ки Максади таъсиси ин ниход омӯзиш ва ба рох мондани мониторинги доимии пиряххо ва сарчашмахои дигари обии Точикистон мебошад.

Ба рох мондани фаъолияти Маркази омӯзиши пиряххо барои татбик намудани Катъномаи СММ оид ба эълони Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028”, ки бо ташаббуси Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон кабул шудааст, мусоидати бевосита мерасонад, зеро пиряххо манбаи асосии захирахои обӣ буда, тахкику омӯзиш ва мониторинги доимии онхо на танхо барои чумхурӣ, балки давлатхои поёноб ахамияти басо мухим дорад.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, Раиси Хукумати Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба аъзои Хукумат ва рохбарони хамаи сохторхои давлатӣ оид ба татбики лоихахои карорхои Хукумат ва Конунхои чумхурӣ, инчунин ичрои дигар масъалахои мачлиси навбатии Хукумати Чумхурии Точикистон, дастурхои мушаххас доданд.

Супоришхои дигар ба Хукумати мамлакат, Раиси шахри Душанбе ва рохбарони макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахру нохияхо оид ба корхои ободонию созандагӣ дар саросари кишвар, ба хусус дар пойтахти мамлакат, омодагии хамачониба ба чорабинихои сатхи минтакавию чахонӣ, ки соли 2018 дар шахри Душанбе баргузор мегарданд, вусъати корхои сахроӣ, дар сатхи зарурӣ доир кардани кишту кори бахорӣ, дода шуд.

http://president.tj/node/17383